# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертасияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи " Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Бахри зиёд намудани навъҳои тезрасу серҳосил дар истеҳсолот саҳми селексионерону олимон бешумор мебошад. Қобили зикр аст, ки бо ин ҳадаф дар кори диссертисионии пешноҳодшуда натиҷаи корҳои селексионии солҳои 2014-2018 оид ба омухтани хусусиятҳои агробиологӣ, ҷудо кардани навъҳои беҳтарини себҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии он барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ, ғани гардонидани навъу хелҳои гуногуни боғдории ҷумҳурӣ, бунёди боғҳои саноатии интенсивӣ ва роҳҳои ҳифзу нигоҳ доштани захираҳои генетикии навъҳои маҳаллии себ ҷамъ оварда шудааст, маълумотҳо оиди омӯхтани қонуниятҳои ҷараёни марҳилаҳои фенологӣ дар давраи рушди солонаи себҳои маҳалӣ, шаклҳои ёбоии он ва навъҳои воридшуда ва муайян намудани хусусиятҳои биологӣ (тобоварӣ ба шароити табиӣ, хушкӣ, таркиби хок ва ҳарорати ҳаво), дараҷаи паҳншавии онҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ оварда шудааст. Бояд қайд намуд, ки ин ҳама муҳимиятҳои зикршуда аҳамияти илмию амалӣ дошта, мухимияти кори диссертатсионии Намозов А.К.-ро ташкил менамояд.

Диссертант кори илмию таҳқиқотии бисёрсолаи худро бо мақсади омухтани самаранокӣ ва омӯзиши иқтидори хусусиятҳои биологӣ, муқовимат ба омилҳои таъсиррасони абиотӣ (ғайризинда) ва биотӣ (зинда), қонуниятҳои тағйирёбии нишонаҳои маҳсулнокӣ ва сифати меваҳо вобаста ба шароити обу ҳаво ва таъсири омилҳои гуногун дар шароити боғдории Тоҷиистон ба роҳ мондааст.

Навгонии илмии таҳиқот бори аввал дар шароити дар шароити водии Ҳисор омӯзиши агробиологии навъҳои маҳаллӣ, навъҳои воридшуда ва шаклҳои ёбоии себ, хусусиятҳо ва қонуниятҳои зуҳуроти нерӯи мутобиқшавӣ ва маҳсулнокии навъу шаклҳои ояндадори себ вобаста ба тағйирёбии иқлим ва хосияти навъӣ муайян ва баҳогузори намудааст, ки ин бевосита мубрамии кори диссертатсионии мазкурро пурра тасдиқ менамояд.

Муаллиф муқаррар намудааст, ки барои бунёд кардани боғҳои саноатии себ бо истифода аз технологияи интенсивӣ парвариш кардани навъҳои маҳаллии Тирамоҳӣ, Чарсаксеб, аз навъҳои воридотӣ навъҳои Фуджӣ, Старкримсон ва Голден Делишес дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарии хешро нишон додаанд.

Натиҷаи мушоҳидаҳои гузаронидаи Намозов А.К. нишон дод, ки вазни калони мева на ҳамеша боиси ҳосили баланд мегардад. Чунончӣ, навъи маҳаллии “Тирамоҳӣ”, навъҳои воридотии “Голден Делишес” ва “Старкримсон”, ки вазни миёнаи меваашон мутаносибан 135-140 граммро ташкил дода буданд, ҳосилнокиашон нисбатан баланд буда, мутаносибан 18,0-18,3 т/га-ро ташкил дод. Дар баробари ин навъи воридотии себи Фуджӣ ки вазни миёнаи мевааш 180 грамм буд, мутаносибан 16,7 т/га ҳосил доданд, ки ин нишондод нисбат ба навъҳои Тира-моҳӣ ва Старкримсон 1,3-1,6 т/га кам буд. Ҳамчунин, навъи маҳаллии “Чарсаксеб”, ки вазни миёнаи мевааш дар давоми солҳои таҳқиқотӣ аз 51 то 56 граммро ташкил медод ҳосилнокиаш мутаносибан дар солҳои таҳқиқотӣ аз 17 то 18,6 т/га, ба ҳисоби миёна дар 5 соли таҳқиқоти 18 т/га-ро ташкил намуд.

Диссертант дар мухлати панҷ сол (2014-2018) дар шароити водии Ҳисор барои ғанӣ гардонидани анвои навъҳои себ дар ҷумҳурӣ, навъҳои маҳаллии Тирамоҳӣ, Чарсаксеб, навъҳои воридотии Фуджӣ, Голден Делишес, тавсия намудааст.

Кори диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович ҳамчун кори илмӣ-тахассусии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта дар он масъалаи соҳаи боғпарварӣ хусусан ҳалли ба даст овардани навъҳои беҳтарини себ ба роҳ монда шудааст, ки он бартарияти соҳаро дошта ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 «тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Директори Коллеҷи политехникии Донишгоҳи Давлатии Данғара номзади илмҳои кишоварзи аз руйи ихтиссоси 06.01.01 кишоварзӣ умумӣ, растанӣ: Саидзода Нахтулло Саид

E - mail: kpddd@bk.ru
Тел: +992008802002

Имзои Саидзода Н.С.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо корҳои махсус ва бойгонии
Коллеҷи политехникии Д.Д.Д. Хайруллозода Ш.Х.

«__10__»«__03__,» 2024

Сурога: ноҳияи Данғара, кучаи И.Шарифов,№103.Коллеҷи политехникии ДДД.